# ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хориқаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X-XI-и форсу тоҷик», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот пешниҳод гардидааст

Тоҷикистон роҳи мустақилонаи тараққиётро пеш гирифтааст ва дар пайи бунёди ҷомеаи шаҳрвандии адолатпеша мебошад, таҳқиқу омӯзиши амиқу ҳаматарафа андешаҳои ахлоқию тарбиявии мутафаккирони тоҷик, аз ҷумла, андешаҳои педагогии онҳо дар роҳи ташкили хонаводаи солеҳву ҳасана, тарбияи комилу солими насли он ва бунёди ҷомеаи адолатпеша кӯмаки бебаҳо адо хоҳад кард.

Таърихи фарҳанги инсоният, аз ҷумла таърихи афкори халқи тоҷик возеҳ месозад, ки андешаҳои педагогӣ ба сифати яке аз қисматҳои марказӣ ва таркибӣ чӣ дар осори илмӣ - фалсафӣ, чӣ дар осори адабӣ ва чӣ дар осори шифоҳии мардум мавқеи махсус доранд.

Аз ин нуқтаи назар кори илмӣ-тадқиқотии докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хорикаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X- XI – форсу тоҷик» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ, яке аз масъалаҳои муҳим ва барои замони имрӯз саривақтӣ маҳсуб меёбад.

Эҳтиром ба мероси педагогии ниёгон оид ба таълиму тарбия ва робитаи илмию таърихии усулҳои тарбияи гузаштагон бо усулҳои муосири тарбия рукни асосии сиёсати давлат дар соҳаи маориф буда, дар гузоришҳои Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон инъикос ёфтааст.

Барои он, ки таҳсилот ё таълим нақши худро бомуваффақият анҷом диҳад, таърихи гузаштаро хуб донистан ва аз он баҳра бардоштан зарур аст. Президенти кишвар дар ин бора борҳои таъкид намудааст: « Таърих оинаест, ки ҳаёти гузаштагонамонро ба ҳама ранҷу азоб, комёбӣ ва нокомиҳояшон пеши назари мо намоён месозад ва танҳо баду нек ва бурду бохти онҳоро фаҳмида, мо дар роҳи худшиносии миллӣ пешрафта метавонем, танҳо талошу муборизаҳои онҳоро дида, мо ояндаи дури кишварамон ва халқамонро муайян карда метавонем.

Арзишҳои миллии тоҷикон, ки мояи ифтихори халқи мост, қисми таркибии арзишҳои умумиинсонӣ мебошанд. Ба ин муносибат Президенти кишвар Эмомоалӣ Раҳмон мегӯяд: « Миллати қадимтарини тоҷикон дар дастагули умумӣ як гули тозаву ҷовидонист» ва таъкид

мекунад «ин миллат ба замин ва меҳнат муҳаббат дорад, оилаи қавӣ барпо менамояд, дониш меомӯзад, сулҳу дӯстиро мепарварад, хоксор, камгӯ ва меҳантдӯст мебошад».

Кори илмии анҷомдодаи докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич бо дарназардошти ин дастурҳои Президенти кишвар, дар мавзуи кори илмӣ-тадқиқотии «Ташаккули хирад ҳамчун хорикаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X- XI – форсу тоҷик», ҳамаҷониба мавриди омӯзиш ва тадқиқ қарор дода шуда, пажӯҳиши мероси ниёгон аз дидгоҳи нави илмӣ - тадқиқотӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар рисолаи доктори моҳият ва арзишҳои фарҳангии миллии тоҷикон, ки дар мероси илмӣ, адабӣ, фарҳангӣ ва тафсири мутафаккирони асрҳои X- XI - и форсу тоҷик инъикос ёфтааст ва мояи ифтихори халқ ва қисми таркибии арзишҳои умумиинсонӣ мебошад, пурра мавриди таҳлилу тадқиқ қарор дода, нишон додааст, ки ба ақидаи онҳо маънавиёт (хирад) дар сифатҳо ва хосиятҳои худи инсон нуҳуфтааст, ки дар қобилияти худшиносӣ, эҳсоси таърих, замону фазо, тафаккур, қобилияти омӯзиши забонҳо, эҳсос, одобу ахлоқ, дониш, маҳорату малака, эҷодкорӣ ва ғайра ифода меёбад.

Маҷмӯи маводи тадкиқоти диссертатсионӣ аз муқаддима, 4 боб, 12 зербоб, хулоса ва тавсияҳои амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои диссертатсия дар 395 саҳифаи чопӣ инъикос ёфта, руийхати адабиёт 405 номгӯйи тадқиқоти илмӣ ва дигар маводҳои заруриро дар бар мегирад.

Муқаддимаи маводи тадкиқотӣ аҳамият, дараҷаи омӯзиши мавзуъ мақсад, вазифаҳо, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқ, навгониҳои илмиро асоснок ифода менамояд.

Докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар қисматҳои бобҳои 1 ва 2-и кори тадқиқотӣ, маводи назариявии мавзуъро ҷо додааст, ки роҳҳои инкишофи хирад ва нақши он дар ҳаёти инсоният, махсусан, ташаккулӣ арзишҳои миллӣ ватандӯстӣ ва худшиносии миллиро аз нигоҳи мутафаккирони асрҳои номбурда дар бар мегирад. Маводи тадқиқшуда мисолҳои зиёдеро аз афкори педагогии мутафаккирони асрҳои X -XI, иқтибосҳо аз асарҳои илмӣ оид ба мавқеи хирад дар ташаккули сирати миллӣ ва дар маҷмӯъ дар таълиму тарбияи насли наврасро дар бар мегирад.

Маҷмӯи кори доктории докторант дар бобҳои 3-4 ба амалигардонии ақидаҳои назария дар амал бахшида шудааст. Диссертант бо истифода намудан аз маълумотҳои назариявӣ оид ба масъалаҳои интихобшуда ва таҷрибаи чандинсолаи бойи филиали муассисаи давлатии Донишкадаи

ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф дар ВМКБ (филиали ДҶТИБКСМ дар ВМКБ) ва мушоҳидаи роҳҳои амалӣ намудани таҷрибаю тадқиқотҳои ақидаҳои педагогии мутафаккирони тоҷикро оид ба хирад ва нақши он дар ташаккули сирати миллӣ дар муассисаҳои таълимии ин вилоят ва кишвар дар маводи анҷомдода мушаххасан пешниҳод намудааст.

Докторант Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар таҳлилу баррасии рисолаи докторӣ ба хулосае омадааст, ки дар замони муосир нисбат ба асрҳову солҳои гузашта талабот ба омӯзиши осори мутафаккирони асрҳои X-XI ва дигар классикони тоҷик афзуда, истифодаи он дар тарбияи насли наврас масъалаи мубрами рӯз ба шумор меравад. Мавсуф иброз медорад, ки дар давраи соҳабистиқлолии Тоҷикистони ба эҳё ва равнақ бахшидани анъанаҳову арзишҳои миллӣ ва аҳамияти калони иҷтимоӣ, тарбиявӣ, сиёсии ин арзишҳо аз нав зарурият пайдо шуд. То даме, ки насли нарас аз пайдоишу ташаккул ва инкишофи мафҳум ва шакл, моҳият, мазмун ва аҳамияти арзишҳои маънавӣ бохабар набошад, ба аҳамияти ҳиссиёти миллӣ, ифтихори миллӣ ва истиқлолияту ваҳдати миллӣ сарфаҳм намераванд. Бесабаб Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид накардааст: «Маърифат асоси худшиносии миллат аст, ки идеологияи ватандӯстӣ ва ваҳдати миллӣ идеологияи аз ҳама асосӣ мебошад». Маҳз ин ҷанбаҳои таълиму тарбия ва маърифатнок намудани насди наврасро низ муҳақиқ дар кори илмӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Аввалин маротиба номбурда ташаккули хирадро хамчун хориқаи сирати миллӣ ҳамаҷониба мавриди омӯзиш, таҳқиқ ва таҳлили амиқи илмӣ қарор дода, тавонистааст, ки ин ақидаро дар ташаккули маънавиёти насли наврас ҳамчун омили ташаккули сирати миллӣ, низоми таҳсилоти миллӣ ва роҳҳои тотбиқи онро дар педагогикаи миллӣ муайян намояд. Ҳамзамон докторант кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин мероси ниёгонро дар муносибати босалоҳият дар таълим ва назарияҳои технологияи муосири таълим ғунҷонад.

Муаллифи рисолаи докторӣ Саидиброимов Шозодаиброҳим Одилшоевич ақидаҳои педагогии мутафаккирони асрҳои X -XI - и форсу тоҷикро дар ҳамбастагӣ бо педагогикаи мардумии тоҷикони Бадахшон ва нақши ин педагогика ва анъанаҳо дар ташаккули сирати миллӣ ва фарҳанги маънавии мардуми Бадахшон бо мақсади муайян мавриди тадқиқ қарор дода, ба дараҷаи баланд онро анҷом бахшидааст.

Автореферат ва интишорот аз руи кори докторӣ мазмуну мундариҷаи тадқиқотии дисертантро пурра инъикос менамоянд. Тадқиқоти диссертатсионии мазкур дорои арзиши баланди илмӣ буда,

фарогири масъалаҳои муҳим дар рушди низоми илми педагогикаи ватанӣ мебошад.

Хулосаи тадқиқотии рисолаи докторӣ аз назари муаллиф пеш аз ҳама арзишҳои ақидаҳои мутафаккирони асрҳои X-XI – ро дар тарбияи насли наврас дар руҳияи арзишҳои миллӣ, сирати миллӣ ва салоҳияти иҷтимоӣ дар бар гирифта, роҳҳои ташаккули ин арзишҳоро муайян менамояд. Сарфи назар аз муваффаққиятҳои тадқиқоти диссертатсионӣ баъзе норасогиҳо низ ба назар мерасанд:

- дар диссертатсия ва автореферати он хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ ҷой доранд. Аммо ин норасоиҳо мазмуну мундариҷаи кори таҳқиқотиро коста намегардонанд.

Кори илмӣ-тадқиқотии Саидиброҳимов Шозодаиброҳим Одилшоевич дар мавзуи «Ташаккули хирад ҳамчун хорикаи сирати миллӣ дар тафсири мутафаккирони асрҳои X- XI – форсу тоҷик» ба талаботи Тартиби додани дараҷаи илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13. 00.01. Педагогикаи умумӣ, таърихи педгогика ва таҳсилот сазовор аст.

Тақриздиҳанда:
доктори илмҳои педагогӣ,
профессор Сатторов Абдурасул Эшбекович

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Шаҳри Бохтар, кӯчаи Хатлон, бинои 9, ҳуҷраи 9
Тел.: (+992) 987-67-57-73
E-mail: asattorov50@mail.ru

*Имзои д.и.п., профессор А.Э. Сатторовро тасдиқ мекунам:*

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав Исозода Т.И.

Суроғаи муассиса:
735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67;
Тел.: (+992) 93 593 77 77, (83222) 2-73-61,
E-mail: norov-81@mail.ru

10 апрели соли 2025